Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ваилми
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/13
тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗДАРСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

## 1. *МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1.1. Низомномаи намунавии фаъолияти берун- аздарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (минбаъд- Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, фаъолияти беруназдарсиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба низом медарорад.

1.2. Фаъолияти беруназдарсӣ бо мақсади ташаккул додани фазои ягонаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, баланд бардоштани сифати дониш, амалӣ намудани раванди ташаккули шахсият дар муҳити таълимии берун аз синф ва амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, қисмати ҷудонашаванда ва муҳими раванди таълиму тарбия ба шумор меравад.

ТЗ.Фаъолияти беруназдарсӣ машғулияти мақсадноки хонандагонро дар лаҳзаҳои берун аз дарс дар бар мегирад. Соатҳое, ки барои фаъолияти эруназдарсй ҷудо карда мешаванд, бо хоҳиши хонандагон, розигии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва тавсияи равоншиносон истифода бурда мешаванд.

1.4. Фаъолияти беруназдарсӣ аз рӯи принсипҳои арзишҳои умумибашарӣ, демократия, инсондӯстӣ, рушди эҷодии шахсият, интихоби озоди шакл ва ҳаҷми фаъолият аз ҷониби хонандагон, диференсатсияи таълим бо назардошти имконияти зеҳнии ҳар як хонанда ба роҳ монда мешавад.

1.4. Роҳбарии фаъолияти беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба зимаи муовинони директор оид ба таълим ва корҳои тарбиявӣ вогузор карда мешавад ва онҳо барои ташкил ва гузаронидани ин шакли фаъолият масъуланд.

1.5. Мазмун ва мундариҷаи таълимии фаъолияти беруназдарсӣ бо барномаҳои таълимии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муқаррар карда мешаванд.

1.6. Иштироки хонандагон дар фаъолияти беруназдарсӣ дар асоси интихоби озоди соҳаи таълим ва барномаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон дар амал татбиқ карда мешавад.

1.7. Фаъолияти беруназдарсӣ бо мақсад ва вазифаҳои муассисаи таълимӣ, теъдоди барномаҳои таълимии иловагӣ муайян карда мешавад.

1.8. Дар вақти фаъолияти беруназдарсӣ хонандагон метавонанд аз

имкониятҳои муассисаи таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ истифода баранд.

1.9. Муассисаи таҳсилоти умумӣ интегратсияи таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагиро таъмин[1] менамояд.

1.11 .Муассисаи таҳсилоти умумӣ дар бартараф намудани мушкилот ва рушду инкишофи шахсият дар раванди таълиму тарбия кӯмак мерасонад.

1.12.Муҳити муассисаи таҳсилоти умумие, ки фаъолияти беруназдарсиро амалӣ менамояд, дар ташаккули фазои таълимии муассиса мусоидат намуда, равандҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва солимгардониро муттаҳид месозад.

## 2. *ВАЗИФАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗДАРСИ*

2.1 .Фаъолияти беруназдарсӣ барои ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст:

-муҳайё намудани шароит барои пурра қонеъ гардонидани талаботи хонандагон, мустаҳкам намудани саломатии онҳо;

-рушди ахлоқӣ ва муайян намудани майлу хоҳиши касбии хонандагон;

-таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирӣ, солимгардонӣ ва мутобиққунонии хонандагон ҷиҳати пайдо намудани мавқеъ дар ҷомеа;

-ташаккули фарҳанги умумии хонандагон;

-дар хонандагон тарбия намудани ҳисси шаҳрвандӣ, муҳаббат ба Ватан, оила, эҳтироми калонсолон ва ифтихор аз муқаддасоти миллӣ.

## 3. *МУҲТАВОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗДАРСИ*

3.1. Дар фаъолияти беруназдарсӣ барномаҳои таҳсилоти иловагӣ аз рӯи самтҳои зерин: варзишӣ- солимгардонӣ, бадеӣ-эстетикӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, ахлоқӣ, шаклҳои фаъолияти иҷтимоӣ: бозӣ, маърифатӣ, эҷодиёти бадеӣ, эҷодиёти иҷтимоӣ дар амал ҷорӣ карда мешаванд.

3.2. Тамоми шаклҳои фаъолияти беруназдарсӣ барои натиҷаҳои босифати тарбиявӣ, аз ҷумла барои тарбия ва иҷтимоигардонии шахсияти ахлоқию фарҳангӣ равона шудаанд.

3.3. Дарс ва ё дигар шакли машғулият дар гурӯҳҳо метавонад аз рӯи барномаи таълимии мавзуӣ; барномаҳои маҷмуӣ, барномаҳои мутобиқ-

гардонидашуда барои ба даст овардани натиҷаҳои дараҷаи муайян, барномаҳои шаклҳои муайяни фаъолияти беруназдарсӣ, барномаҳои таълимии синну солӣ, барномаҳои инфиродӣ гузаронида шавад.

1.1. Муҳтавои барномаи таълимӣ, шакл ва методҳои дар амал татбиқнамудани онҳо, теъдод ва сину соли аъзоёни гурӯҳҳои таълимӣ вобаста ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ, мақсаднокии психологӣ-педагогӣ, меъёрҳои гигиенӣ-санитарӣ ва имкониятҳои моддӣ- техникӣ аз ҷониби омӯзгор мустақилона муайян карда мешавад.

1.2. Коркунони педагогӣ метавонанд барномаҳои намунавии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшударо истифода намоянд. Инчунин, метавонанд мустақилона барномаҳои таълимиро таҳия намоянд ва ё аз барномаҳои таълимии дигар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ истифода баранд.

## 2. БА РОҲ МОНДАНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

2.1. Кори фаъолияти беруназдарсӣ дар асоси нақшаҳои солона ва ё дигар шакли нақшаи корӣ, барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои мавзӯӣ - тақвимии аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ тасдиқшуда амалӣ карда мешавад.

2.2. Ҷадвали фаъолияти беруназдарсӣ дар аввали соли таҳсил дар асоси пешниҳоди коркунони педагогӣ бо назардошти таъмини реҷаи меҳнат ва истироҳати бофароғати хонандагон таҳия шуда, бо имзои директори муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Тағйирот дар ҷадвали фаъолияти беруназдарсӣ танҳо дар мувофиқа бо роҳбарияти муассисаи таълимӣ ворид карда шуда, бо фармоиши директор расмӣ кунонида мешавад.

2.3. Ҳайати гурӯҳҳои фаъолияти беруназдарсӣ бо барномаи кории омӯзгор муайян карда мешавад.

2.4. Давомнокии дарс ва теъдоди он барои як ҳафта бо барномаи таълимии омӯзгор, инчунин талаботи реҷаи фаъолияти хонандагон дар муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад.

3.4. Тибқи барнома омӯзгор метавонад шаклҳои гуногуни фаъолияти беруназдарсӣ, аз ҷумла синфӣ ва беруназсинфӣ, сайёҳат, консерт, озмун, олимпиада, мусобиқа, лоиҳаҳо ва ғайраро истифода барад. Шаклҳои фаъолияти беруназдарсӣ аз дарс фарқ мекунанд.

4.6.Омӯзгор дар интихоби системаи баҳогузорӣ, фосила ва шакли аттестатсияи хонандагон мустақил аст.

4.7. Қабули хонандагон ба гурӯҳҳои фаъолияти беруназдарсӣ дар муҳлате, ки барои аз худ намудани барномаи таълимӣ муқаррар шудааст, амалӣ мегардад.

4.8. Фаъолияти хонандагон аз рӯи шавқу завқ дар гурӯҳҳои синну соли гуногун амалӣ карда мешавад. Дар кори гурӯҳ падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар мувофиқа бо омӯзгор иштирок карда метавонанд.

4.9. Ҳар як хонанда ҳуқуқи дар дилхоҳ гурӯҳ аз рӯи самти фаъолият иштирок карданро дорад, инчунин ҳуқуқ дорад, ки самти фаъолияташро

тағйир диҳад.

4.10. Ба роҳ мондани фаъолияти беруназдарсӣ бояд интихоби машғулиятҳои фаъоли варзишӣ- солимгардониро таъмин намояд. Барои хонандагони синфи якум фаъолияти беруназдарсӣ дар шакли сайёҳат ва сайру гашт гузаронида мешавад.

4.11. Давомнокии як машғулият на бояд аз 35 дақиқа зиёд бошад, танаффус барои истироҳати хонандагон ва тоза намудани ҳавои бино дар ҳаҷми 10 дақиқа муқаррар карда мешавад.

4.12. Ба фаъолияти беруназдарсии варзишӣ- солимгардонии хонандагон оббозӣ, бозиҳои гуногуни солимгардонӣ, гузаронидани машғулият дар майдон- чаҳои муҷаҳҳази варзишӣ, сайру гашт дар ҳавои тоза дохил мешавад.

## *4. ҲИСОБОТИ ДАСТОВАРДҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗДАРСИ*

4.1. Натиҷаҳои тарбиявии фаъолияти беруназдарсӣ аз рӯи се сатҳ муайян карда мешаванд:

-сатҳи 1-хонанда ҳаёти ҷамъиятиро мефаҳмад ва медонад;

-сатҳи 2-хонанда ба ҳаёти ҷамъиятӣ мутобиқ мешавад;

-сатҳи 3-хонанда дар ҳаёти ҷамъиятӣ мустақилона амал менамояд.

4.2. Ба ҳар як сатҳи натиҷагирӣ шакли фаъолияти мувофиқ интихоб карда мешавад.

4.3. Ҳисоботи иштироки хонандагон дар фаъолияти беруназдарсӣ аз ҷониби роҳбари синф таъмин карда мешавад.

4.4. Ҳисоботи фаъолияти беруназдарсиро омӯзгорон дар журнали алоҳида ба қайд мегиранд.